# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид дар мавзуи «Инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддини Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст.

Аҳаммияти таҳқиқоти диссертатсионии Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид дар мавзуи «Инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддини Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир», ки дар автореферат инъикос ёфтааст, шакке ба вуҷуд намеорад. Дар шароити муосири навсозии низоми маориф, баланд бардоштани талабот ба сифати раванди таълиму тарбия ва ташаккули модели нави муҳити таълимӣ, мавзуи интихобнамудаи диссертант саривақтӣ ва дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ мебошад. Муҳаққиқ дуруст ва мукаммал асоснок менамояд, ки мавзуи таҳқиқшуда дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалист. Зеро дар осори Ҷалолиддини Балхӣ масоили тарбияи инсони комил, тарбияи хулқи нек, накӯкорӣ, саодат ва озодии инсон, адолатхоҳӣ, инсонпарварӣ, олиҳимматӣ ва дигар сифатҳои баланди инсонӣ инъикос шудаанд, ки аз нуқтаи назари педагогикаи муосир асосҳои илмӣ доранд.

Дараҷаи омӯзиши масъала дар адабиёти илме, ки дар автореферат оварда шудааст ба таври кофӣ нишон дода шудааст. Муаллиф дониши амиқи худро аз манбаъҳои илмию методии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, аз қабили Бартолд В.В., Кримский А.Н., Бертелс Е.Э., Болдирев М.Н., Усмонов И.С., Брагинский И.С., Х. Афзалов, М. Лутфуллозода, Қ. Қодиров, Файзалиев Ҷ.Х., Ф. Шарифзода, М. Каримова, А. Паҳлавонова, С. Сулаймонӣ, З. Тоҳирова ва дигарон, ки доир ба масъалаҳои таърихи фарҳанг, адабиёт ва илми ин даврон, аз ҷумла, педагогика бахшида шудаанд мавқеи илмии худро равшан муайян мекунад.

Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот дуруст таҳлил шудаанд ва мантиқан аз мушкилоти таҳқиқшаванда баромада, ба ҳалли масъалаҳои мубрами соҳаи педагогика равона шудаанд. Инчунин муаллиф объекти таҳқиқот ва предмети

онро муайян намудааст, ки ин аз савияи баланди методологӣ ӯ дарак медиҳад.

Методология ва усулҳои таҳқиқот ба хусусияти масъалаҳо мутобиқат доранд. Дар автореферат маҷмуи усулҳои илмии таҳқиқот, аз ҷумла, таҳлили адабиёти илмӣ, мушоҳидаи педагогӣ, озмоиш, таҳлили миқдорӣ, сифатӣ ва ғайра истифода шудаанд, ки ба ҳадаф ва вазифаҳои диссертатсияи мавриди назар мувофиқат доранд.

Бояд зикр намуд, ки навгониҳои илмии таҳқиқот бо далелҳо муаррифӣ шудаанд. Муаллиф ба натиҷаҳое ноил шудааст, ки ба рушди назарияи педагогика саҳм мегузоранд ва тасаввуроти навро дар самти тарбия, таълим, ташаккули маҳоратҳо ва ғайра васеъ менамоянд. Аз ҳама бештар масъалаҳои зерин аҳаммияти муҳимми илмӣ доранд: арзёбии масъалаҳои таълим ва тарбияи миллӣ дар таҳқиқоти муосири педагогӣ дар осори Ҷалолиддини Балхӣ; тарбияи инсони комил ва таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир равшан карда шудааст.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз ҷониби диссертант равшан муайян шудааст. Муаллиф тавсияҳои мушаххасеро пешниҳод мекунад, ки метавонанд дар фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, тайёр кардани мутахассисон дар низоми таҳсилоти педагогӣ, инчунин, дар таҳқиқоти минбаъдаи масъалаи мазкур истифода шаванд.

Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳо тавассути мантиқияти баён, мутобиқати усулҳо ба вазифаҳои таҳқиқот, мавҷудияти маълумоти озмоишӣ ва татбиқи онҳо дар амал исбот шудаанд.

Санҷиши натиҷаҳои таҳқиқот тавассути иштирок дар конференсияҳои илмӣ, нашри мақолаҳо вобаста ба мавзуи рисола ва истифодаи натиҷаҳо дар равандҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тасдиқ гардидааст.

Сохтор ва муҳтавои диссертатсия, ки дар автореферати диссертатсия инъикос ёфтаанд, мантиқӣ, пайдарпай ва ба талаботи таҳқиқоти илмӣ ҷавобгӯ мебошанд. Диссертатсия бо забони илмӣ, равшан ва мувофиқ ба услуби корҳои илмӣ баён гардидааст.

Хулоса:

Автореферат нуктаҳои асосии диссертатсияро дар бар гирифта, дараҷаи баланди мустақилият ва камолоти илмии муаллифро нишон медиҳад.

Диссертатсия дар мавзуи «Инсонгароӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддини Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир» ба Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (тағйиру илова аз 26.06.2023, №295) мутобиқат мекунад ва Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

**Муқарризи ғайрирасмӣ:**
Номзади илмҳои педагогӣ, директори
Муассисаи давлатии таълимии
«Литсейи №4 барои хонандагони
болаёқати шаҳри Душанбе                Аминзода Муслиҳиддин
                                                Фозилиддин

Имзои Аминзода М.Ф.-ро тасдиқ менамоям:
Коргузори МДТ «Литсейи №4 барои
Хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе                Тиллоева С.

Нишонӣ: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. А. Адҳамов, 26
Тел.: 487 01 56 57
E-mail: m_aminov5@mail.ru
« 14 » июни соли 2026